**Протоколи № 11**

мачлиси кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Точикистон ба номи Садриддин Айнӣ
аз 28-уми июни соли 2022

ИШТИРОК ДОШТАНД:
мудири кафедра- н.и.п. Фозилов С.,
д.и.п. **профессор:** Нуров А.**дотсентон:**
Рамазонова Р., Сатторов С., Аҳадов З.,
**муаллимони калон:** Мамадносирова М.,
Чобулова Н., Ҳусенов Н., Азизова Ф.
**ассистентони кафедра:** Мирзоназарова
М., Давлатназарова Ф., Шарипова М.
ва дигар унвончӯёну докторантон.

**РӮЗНОМА:**

1. Муҳокимаи рисолаи номзадии унвончӯи кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоӣ **Олимов Тағойбек Шодиевич** дар мавзуи "**Афкори педагогии мутафаккирони халқи точик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ)**" барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01.– Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).

**Шунида шуд:**

Чаласаро мудири кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоӣ, дотсент Фозилов С. ифтитоҳ намуда, иброз дошт, ки рисолаи илмии унвончӯ **Олимов Тағойбек** дар мавзуи "**Афкори педагогии мутафаккирони халқи точик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ)**" барои муҳокима ва баррасӣ дар мачлиси кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Точикистон ба номи Садриддин Айнӣ пешниҳод гардидааст. Рисолаи

мазкур тахти роҳбарии доктори илмҳои педагогӣ, профессор Файзализода Ҷумахон Хол таълиф ёфтааст.

Диссертатсия аз тарафи кафедра барои таҳлилу ташхис ва навиштани тақриз ба профессори кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ Раҷабов Т., профессори кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогир Маҷидова Б. ва дотсенти кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоӣ Сатторов С. пешниҳод гардидааст.

Дар ҷаласаи имрӯза аъзоёни кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоӣ ва ҳамаи унвонҷӯёну докторантони кафедраҳои мазкур ҳузур доранд. Агар иҷозат бошад, ба кори маҷлиси имрӯза оғоз мебахшем. Агар тарафдори ин пешниҳод бошед, хоҳиш менамоям, ки раъйи худро изҳор намоед.

Баъди якдилона овоз додан ба оғози ҷаласа унвонҷӯ Олимов Т. ҳозиринро бо мазмуну мухтавои рисола ошно намуд.

**Гузориши унвонҷӯ Т. Олимов (матни баромад замима мешавад).**

Пас аз баромади диссертант Т. Олимов саволу ҷавоб сурат гирифт. Ба унвонҷӯ чунин саволҳо дода шуд:

**Дотсент Сатторов С.:** 1. Ҳадафи таҳқиқот аз чиҳо иборат буд? 2. Натиҷаҳои бадастомада.

**Дотсент Фозилов С.:** 1. Кадом сарчашмаҳои илмиро дар рафти таҳқиқот омӯхтед? 2. Таълифоти муҳаққиқон бештар кадом ҷиҳатҳои мавзуи таҳқиқшавандаро фаро гирифтааст?

**Профессор Нуров А.:** 1. Озмоиши муқарраркунӣ ва озмоиши таълимиро бо кадом роҳу усулҳо ба роҳ мондед? 2. То кадом андоза фарзияи таҳқиқот дар рафти озмоиши таълимӣ собит шуд. 3. Дастоварди таҳқиқот дар чӣ зоҳир мешавад?

**Дотсент Рамазонова М.:** 1. Ба омӯзгорони фанни адабиёти тоҷик дар рафти озмоишҳо истифодаи кадом маводи адабиро бештар пешниҳод намудед? 2. Аҳаммияти амалии диссертатсия дар чи зоҳир мегардад?

Унвонҷӯ Олимов Т. ба саволҳои аз ҷониби мутахассисон додашуда ба қадри тавон ҷавобҳои мувофиқу қонеъкунанда дода, барои тақвият бахшидан ба гуфтаҳои худ мисолҳои мушаххас овард.

Баъдан муҳокимаи рисола оғоз гардид. Дар муҳокимаи рисола профессорон Нуров А., Раҷабов Т., Маҷидова Б., дотсентон Фозилов С., Сатторов С. ва муаллими калон Мамадносирова М. иштирок намуда, доир ба ҳусну қубҳи рисола назари хешро баён карданд. Аз ҷумла:

**Профессор** Раҷабов Т. таъкид дошт**:** Рисолаи Т.Олимов ба яке аз мавзуъҳои муҳимми илми педагогика бахшида шудааст. Барои таълифи рисолаи мазкур муаллиф маводи зиёди фактологиро аз осори адабӣ гирд оварда, онҳоро ба доираи таҳлил кашидааст.

Банда унвонҷӯ ва роҳбари илмиаш профессор Файзализода Ҷумахонро бо анҷоми кори мазкур таҳният менамоям.

Бархе аз маслиҳату пешниҳоди хешро манзур менамоям, то барои ислоҳи рисола кумаке расонида бошам:

1. Матни рисола бо замимаҳо қариб 260 саҳифа мебошад, бояд онро кутоҳ кард;

3. Дар рисола баъзе хатогиҳои имлоӣ, услубӣ  техникӣ дида мешаванд, ки дар нусхаи банда ишора шудаанд.

4. Хуб мешуд, унвони мавзуъ  мушаххастар карда шавад, зеро номи мавзуъ васеъ буда,  вале муҳтаво доираи муайянро фаро гирифтааст.

Ба гумони ман, рисоларо баъди таҳриру такмил ва бо ислоҳи ғалатҳои боло барои зинаи навбатӣ пешниҳод намудан мумкин аст.

**Дотсент Аҳадов З.:** Мавзуе, ки Т. Олимов интихоб кардааст, яке аз корҳои таҳқиқотии актуалӣ ба ҳисоб меравад. Бо истифода аз фурсат муаллиф ва роҳбари илмии онро бо анҷоми диссертатсия таҳният менамоям.

Бо мақсади он ки вақти шуморо зиёдтар аз он, ки дар ихтиёр дорам, нагирам, бархе аз пешниҳодоти худро манзур менамоям:

1. Дар пайнавишт баъзан ғалат омадани тартиби алифбо мушоҳида гардид;

2. Дар кор истифодаи бемавриди воҳидҳои туфайлӣ зиёд ба мушоҳида расиданд;

3. Хулоса, баъдиислоҳи пешниҳодҳои мазкур рисолаи илмии Т.Олимовро ба зинаи навбатӣ пешниҳод намудан мумкин аст.

**Дотсент Сатторов С.:** Ман ҳам муаллиф ва раҳбарашро бо ин дастовард таҳният менамоям. Ба назари мо, дар рисолаи мавриди тақриз чунин норасоиҳо ба назар расиданд:

1. Баъзе асарҳои олимони соҳаи педагогика, ки дар боби аввали рисола зикр гаштаанд, дар рӯйхати адабиёт мушоҳида нагардиданд;

2. Фаслҳои боби аввал, ки ҷанбаи назариявӣ доранд, таҳлилҳои амику мушаххасро фаро гирифтаанд, аммо дар хулосаи боб мухтасар таснифот нашудаанд.

Дигар саҳву ғалатҳо дар саҳифаҳои рисола нишон дода шудаанд ва ин ҷо аз такрори онҳо худдорӣ менамоям.

Хулосаи ман ҳам ҳамин аст, ки кори диссертатсионии Олимов Тағойбек Шодиевич дар мавзуи "**Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ)**" таҳқиқоти илмии баанҷомрасида буда, он ҷавобгӯ ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои корҳои диссертатсионӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01.– Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мувофиқат менамояд.

Ҳамин тавр, дигар аъзоёни кафедра: муаллимони калон Мамадносирова М., Азизова Ф. дар хусуси бурду бохти муаллифи рисола назари хешро баён карда, барои беҳтаргардии сифати кор маслиҳатҳо манзур намуданд.

Мудири кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоӣ дотсент Фозилов С. М. хулоса намуд, ки рисола ба мавзуи муҳиму мубрам бахшида шуда, дар ҳаллу фасли он муаллиф барои расидан ба мақсадҳои асосии мавзуи таҳқиқот, маводи зиёд гирд овардааст ва

онҳоро бо риояи меъёрҳои равиши таҳқиқ ба риштаи таҳлил кашидааст. Ҳамаи мо огоҳ ҳастем, ки Олимов Тағойбек Шодиевич аз устодони фаъоли кафедра ва факултет ба шумор меравад. Олимов Тағойбек аз соли 2015 то инҷониб ҳамчун ассистент дар кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоӣ фаъолият намуда, худро ҳамчун олими ҷавони пурмаҳсул муаррифӣ карда тавонистааст, ки ба табъ расидани мақолаҳои зиёди илмию методии ӯ далели ин гуфтаҳо мебошад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи **Олимов Тағойбек Шодиевич** таҳти унвони "**Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ)**" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқ мебошад.

Баъд аз муҳокимаву баррасии рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоӣ **Олимов Тағойбек Шодиевич** таҳти унвони "**Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ)**" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01.– Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)

**Қарор карда шуд:**

1. Рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоӣ **Олимов Тағойбек Шодиевич** таҳти унвони "**Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ)**" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01.– Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) таҳқиқоти анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Ба довталаб Т. Олимов супориш дода шавад, ки дар давоми 1 моҳ ҳамаи камбудиҳои ҷойдоштаро ислоҳ намуда, ба кафедраҳо нусхаи ислоҳшудаи диссертатсияро пешниҳод намояд.

3. Баъди ислоҳи нуқсу камбудиҳои дар ҷараёни муҳокима баёншуда диссертатсия тибқи муқаррарот ба ташхиси давраи дуюм пешниҳод карда шавад.

Қарор дар ҷаласаи кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа 11 нафар иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" – 11 нафар, "муқобил"- нест, "бетараф" – нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Протоколи № 11 аз 28 июни соли 2022.

**Раиси маҷлис:** мудири кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, дотсент: Фозилов С. М.

**Котиби ҷаласа:** муаллими калони кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоӣ: Ҳусейнов Н.